**Ба Шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-014 назди**
**Донишгоҳи давлатии молия**
**ва иқтисоди Тоҷикистон**
**Суроға: кӯчаи Нахимов**
**64/14, ш.Душанбе.**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Такмили низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ мебошад, ки ба навсозии низом, баланд бардоштани самаранокии он ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ нигаронида шудааст. Тадбирҳо ва самтҳои асосӣ ҳам тағйироти қонунгузорӣ ва ҳам такмили маъмурияти андозро дар бар мегиранд.

Таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама дар табдили рақамӣ ва беҳтар кардани маъмурият, татбиқи хидматҳои электронӣ барои таъмини шаффофият, рақамикунонӣ ва содда кардани расмиёт барои андозсупорандагон ва беҳтар кардани самаранокии назорати андоз мусоидат мекунад.

Дар автореферат омӯзиши ҳамаҷонибаи масоили назариявию методӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ ва тавсияҳои илмию амалӣ вобаста ба такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода шудааст.

Барои татбиқи ин ҳадаф ба ақидаи муаллиф бояд омӯзиши асосҳои назариявию амалӣ ва таҳқиқи асосҳои методии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, баррасии мушкилоту муаммоҳои механизми андозбандӣ ва истифодаи таҷрибаи муфиди мамлакатҳои хориҷӣт дар рушди фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳлил ва баҳодии ҳолати воқеии раванди андозсупорӣ бо дар назардошти омилҳои таъсиррасон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи амсилаи иқтисодию математикӣ ва оптималикунонии низоми андозбандӣ, инчунин муайян сохтани самтҳои асосии такмилдиҳии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диққати зарурӣ равон карда шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот бо омӯзиши доираи васеи адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи

васеи воқеи ва оморӣ бо мақсади истифодабарӣ бо назардошти шароити имрӯзаи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидааст.

Дар қатори он муваффақиятҳои автореферат баъзе эродҳо низ ҷой доранд ба монандӣ:

1. Дар расми 2. саҳ.16 автореферат мушкилоти асосии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар асоси омӯзиши вазъи соҳа нишон додааст, аммо онҳоро тавсиф ё асоснок накардааст;

2. Муаллиф зикр менамояд, ки таҳқиқот ба баланд бардоштани самаранокии механизми андозбандӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ нигаронида шуда аст (саҳ. 24), аммо дар автореферат маълумоти кофӣ дида намешавад.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» тибқи талаботи меъёрҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз арзанда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.и. дотсенти кафедраи молияи
МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав" Султонов М.С.

Имзои Султонов М.С. - ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав" Нажмидинов М.М.

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон, 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67*
*Тел: +(992)3222-2-54-81, +(992)3222-2-22-53, E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj*